**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-069-и назди**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 21.06.2024, №11

Барои сазовор донистани Ҷумъаев Ҷумъабой Ҷӯраевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ

Диссертатсияи Ҷумъаев Ҷумъабой Ҷӯраевич дар мавзуи «Озарахш ва поэтикаи ашъори ӯ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-069-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30-юми декабри соли 2022, таҳти №308ш/д) аз 3-юми апрели соли 2024, суратмаҷлиси №8 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Ҷумъаев Ҷумъабой Ҷӯраевич 22 декабри соли 1985 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2008 Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро бо ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм кардааст. Солҳои 2008-2011 ба ҳайси омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик ва ҷонишини директор оид ба тарбия дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №55-и ноҳияи Рӯдакӣ кору фаъолият намудааст. Аз моҳи сентябри соли 2011 фаъолияти меҳнатиашро дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ оғоз намуда, то соли 2015 ба ҳайси ассистенти кафедраи забонҳои тоҷикӣ ва русӣ кор кардааст. Аз соли 2017 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба кори илмӣ машғул гардидааст. Айни ҳол ба ҳайси муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикӣ фаъолият дорад.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** - доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ **Салихов Шамсидин Аслидинович**.

**Муқарризони расмӣ:**

- **Нуров Нуралӣ Норович** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, директори Институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров;
- **Бобомаллаев Илҳомҷон Ҷанобович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсия тақризҳои мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа - номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёт Шамсов Нурмад Сироҷович, эксперт – доктори илмҳои филологӣ Давлатбеков Лоло Мирзоевич, котиби илмии ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, дотсент Боев Шавкат пешниҳод мегардад ва бо имзою мухри ректори муассиса, доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Жило Бурӣ тасдиқ шудааст, қайд мешавад, ки диссертатсияи номзадии Ҷумъаев Ҷумъабой Ҷӯраевич дар мавзуи «Озарахш ва поэтикаи ашъори ӯ» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ сазовор аст.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи адабиётшиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 6 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 4-тоаш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

I. **Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Ҷумъаев Ҷ.Ҷ. Баррасии масоили мубрами ҷомеаи башарӣ дар шеъри Озарахш [Матн] / Ҷ.Ҷ. Ҷумъаев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2019. №2 (79). – С.219-223.

[2-М]. Ҷумъаев Ҷ.Ҷ. Тасвири отифии зодгоҳ дар шеъри Озарахш [Матн] / Ҷ.Ҷ. Ҷумъаев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2022. №5 (100). – С.242-249.

[3-М]. Салихов Ш.А., Ҷумъаев Ҷ.Ҷ. Тасвирҳои парадоксӣ дар ашъори Озарахш [Матн] / Ш.А. Салихов, Ҷ.Ҷ. Ҷумъаев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2023. №2 (103). – С.110-114.

[4-М]. Ҷумъаев Ҷ.Ҷ. Нақши санъатҳои бадеӣ дар шеъри Озарахш [Матн] / Ҷ. Ҷ. Ҷумъаев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2023. №5 (106). – С.185-190.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар конференсия, маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[5-М]. Ҷумъаев Ҷ.Ҷ. Гиромидошти Наврӯз ва ҷашнҳои дигари миллӣ дар шеъри Озарахш [Матн] / Ҷ.Ҷ. Ҷумъаев // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявӣ зери унвони «Пешвои миллат–Пешвои Наврӯз» бахшида ба ҷашни Наврӯзи байналмиллалӣ. – Душанбе, 2023. – С.268-276.

[6-М]. Ҷумъаев Ҷ.Ҷ. Қофия ва вижагиҳои бадеии он дар шеъри Озарахш [Матн] / Ҷ.Ҷ. Ҷумъаев // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ тахти унвони «Пешвои миллат ва рушди илм дар Тоҷикистон» ба ифтихори 145–солагии Қаҳрамони Тоҷикистон, бунёдгузори адабиёти муосири тоҷик устод Садриддин Айнӣ. – Хуҷанд, 2023. – С.644-650.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи Одинаев Нурмаҳмад Сафарович** - доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон низ мусбат буда, диссертатсияи Ҷумъаев Ҷумъабойро кори илмии анҷомёфта меҳисобад ва дар он эроду пешниҳодҳои зерин манзур шудаанд:

- ба назари мо, на ҳама бахшҳои мавриди таҳқиқ ба масъалаҳои поэтикаи шеър мансуб донистан мумкин аст: Масалан, зиндагиномаи шоир, баррасии мубрами ҷомеаи башарӣ, гиромидошти арзишҳои миллӣ, тобишҳои иҷтимоӣ аз зумраи масъалаҳои амалии шеър мебошанд. Ба ҷойи инҳо таҳқиқи бештари масоили вазни шеър, тасвирҳои шоирона, маъниҳои бикр ва бозёфтҳои шоирона дар шеъри Озарахш муҳим буда, дар тадқиқи онҳо вижагиҳои назарии шеъри шоир бештар муайян мегардид;
- муҳаққиқ ба хулоса меояд, ки «Шоир дар гуфтани ғазал бештар қолабҳои анъанавиро пайравӣ мекунад, аммо пайравиҳояш ҳама эҷодкоронаанд». Ин нукта дар рисола ба тариқи хеле мухтасар ва норавшан баён шудааст.
- унвони баъзе бобҳою фаслҳои рисола таҳрирталаб мебошанд. Дар матни автореферат баъзе ифодаҳои бемантиқ ба назар мерасад;
- забони автореферат дар матни тоҷикӣ ва тарҷумаи русии он ба таҳрири илмӣ эҳтиёҷ дорад.

**2. Тақризи Асозода Ҳотам Раҷаб** - доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ низ мусбат буда, таҳқиқоти унвонҷӯро аз нигоҳи илмӣ пурарзиш муаррифӣ намудааст ва ҳамзамон, чунин эродҳо манзур шудааст:

- дар фасли якуми боби аввал «Мақоми Озарахш дар адабиёти муосир ва мавзуоти ашъори ӯ» диссертант доир ба яке аз мавзуоти асосии эҷодиёти шоир, яъне таваҷҷуҳ ба вазъи иҷтимоии замон сухан гуфта, чунин менависад: «Озарахш пеш аз ҳама, шоири иҷтимоъгаро буда, чун фарзанди замон ба тобишҳои иҷтимоии шеъраш таваҷҷуҳи хос зоҳир менамояд» [Автореферат, саҳ.9]. Дар боби дуюм бошад, фасли алоҳидае тахти унвони «Тобишҳои иҷтимоӣ дар ашъори Озарахш» мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Ба ҳамин монанд дар фасли аввали боби якум диссертант доир ба шахсият ва зиндагигиномаи шоир сухан ба миён оварда, аз маҳорати сароядагию оҳангсозии ӯ ёдрас гардида менависад: «Озарахш бар замми шоиру нависанда

будан, сароянда ва оҳангсози боистеъдод низ ҳаст» [Автореферат, саҳ.9]. Дар фасли якуми боби дуюм, ки «Алоқаи суннатҳои овозхонӣ ва мусиқӣ дар шеъри ӯ» номгузорӣ шудааст, бори дигар аз фаъолияти оҳангсозӣ ва завқу салиқаи шоир ба мусиқӣ андешаронӣ намудааст.

Ба назари мо, хуб мебуд, агар диссертант мавзуъҳои мазкурро дар як фасл мавриди баррасӣ қарор медод;

- дар қавсҳои мураббаъ чанд шакли ишора ба адабиёти истифодагардида ба назар мерасад: [Озарахш, 2006, с.114]. (с.12); [Озарахш, ҶСХ, 2011, с.7]. (с.14); [Озарахш, ДИ, 2016, с.151] (с.15);

- дар бахши «Асосҳои назариявии таҳқиқ» насабу номи муҳаққиқон ба шаклҳои гуногун зикр гардидаанд: Р. Якобсон, Д. С. Лихачев, В. М. Жирмунский, Фердинанд де Соссюр, Бигзаби, Азро Поунд, Маликушшуаро Баҳор, Ризо Бароҳанӣ, Шафеии Кадканӣ, Маҳмуди Футуҳӣ, Меҳрони Муҳоҷир, Зиё Муваҳҳид, Абдулқайюми Қавим, Туракул Зеҳнӣ, Хуршеда Отахонова, У. Тоиров, Х. Шарифов, А. Ҳаким, А. Сатторзода, Ю. Акбаров, Р. Ваҳҳоб. Хуб мебуд агар дар масъала низоми муайян риоя мегардид.

**3. Тақризи Беҳрӯзи Забеҳулло** – номзади илмҳои филологӣ, мудири шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон низ мусбат буда, рисолаи диссертант Ҷумъаев Ҷумъабойро кори илмии анҷомёфта меҳисобад ва дар он эродҳои зерин пешниҳод намудааст:

- хуб мешуд, ашъори ба зодгоҳаш бахшидаи Озарахш бо шеърҳои ба ин мавзуъ бахшидаи Қутби Кином муқоиса мегардид;

- ба фикри мо, агар фасли панҷуми боби дуюми рисола «Навпардозиҳои шоир дар шеърҳои озод ва андешарезаҳо» бо ибораи «Ҳунари шоирии Озарахш дар шеъри озод ва андешарезаҳо» иваз карда шавад, беҳтар мешуд;

- дар баъзе ҷойҳои матни автореферат иштибоҳоти китобат, имлоӣ ва техникӣ бе зарурат гузоштани аломати нуқта «.» пас аз таъйини вазни шеър дар саҳ. 15; навиштани вожаи истилоҳии «арӯз» дар шакли «аруз» дар саҳ. 15, часпидани ҳарфҳо дар саҳ. 12, 13, 14 ва ғайра.

**4. Тақризи Изатзода Зулайхо** - номзади илмҳои филологӣ, дотсент, муовини ректор оид ба корҳои тарбия ва иҷтимоии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода мусбат буда, аз мазмуни автореферати унвонҷӯ рисолаи илмии диссертантро кори анҷомёфтаи муҳимми илмӣ меҳисобад. Аз ҷониби муқарриз ба автореферати рисола се эрод манзур гардидааст:

- масъалаҳое, ки дар муқаддима, дар қисмати дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, маълум карда шудаанд, бо қисмати вазифаҳои таҳқиқ якҷо зикр мееёфтанд, беҳтар мебуд. Чунки масъалаҳо то андозае якранг менамоянд;

- доир ба қофия ва радиф дар автореферат маълумот хеле фишурда оварда шудааст, агар чун қисматҳои дигари автореферат ин қисмат низ андаке тавзеҳ меёфт, беҳтар мебуд;

- дар матни автореферат ғалатҳои имлоӣ, китобатӣ ва техникӣ дида мешаванд, саҳ. 4, 9, 11, 15, 19 ва ғайра.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- унвонҷӯ Ҷумъаев Ҷумъабой дар асоси маъхазҳои адабӣ, осори таҳқиқӣ ва сарчашмаҳои таърихӣ ба риштаи таҳқиқ кашидани зиндагинома, мероси адабӣ ва фаъолиятҳои адабии Озарахшро **мушаххас намудааст;**

- диссертант омӯзиш ва баррасии ҳамаҷонибаи муҳтавои осори адабии шоирро бо назардошти суннату навгӯйиҳои адабиёти муосири тоҷик, ба вижа назми давраи истиқлол **муайян кардааст;**

- ба таҳқиқ гирифтани ҳунари шоирии Озарахш дар асоси меъёрҳои сухансанҷии классикӣ ва муосир аз ҷониби Ҷумъаев Ҷумъабой **таҳқиқу баррасӣ гардидааст;**

- мушаххас намудани вижагиҳои забонӣ ва сабкии ашъори шоир дар робита ба тамоюлоти сохторию адабии замони адиб **собит шудааст.**

**Арзишҳои назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки** масоили назарии дар бобу фаслҳои диссертатсия матраҳшуда барои возеҳ сохтани масъалаҳои муайян намудани ҳолнома, марҳалаҳои ташаккули ҳунари шоирӣ ва мақоми Озарахш дар адабиёти муосири тоҷик; таснифи мавзуот, баррасии тобишҳои иҷтимоии шеъри Озарахш; ҳунари овозхонии шоир ва таъсири он ба мусиқии шеъри ӯ; муайян намудани навпардозиҳои шоир дар шеъри имрӯзи тоҷик; дар заминаи баррасиҳои мушаххас муайян намудани унсурҳои шеър, аз қабили вазн, қофия, радиф, корбурди санъатҳои бадеӣ, тасвирсозӣ ва истифодаи имконоти забон ва сабки фардии шоир ва тафовуту умумиятҳои он ба ашъори давраи нави адабиёти тоҷик аз ҳар ҷиҳат мусоидат менамояд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд,** ки натиҷа ва маводи таҳқиқӣ метавонад, барои мутахассисони риштаҳои мухталифи илми адабиётшиносӣ судманд бошад. Маводи рисола ва хулосаҳои бадастовардаи муаллифро дар вақти навиштани мақола ва таълифи рисолаҳои илмӣ, дар навиштани китобҳои дарсӣ ва таълифи воситаҳои таълимӣ дар донишгоҳу донишкадаҳо ва мактабҳои миёна, омода кардани лексияҳо аз таърихи адабиёти муосир, махсусан, пажуҳандагони риштаи таърихи адабиёт ва шеъри муосири тоҷик аз он баҳра мебардоранд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия дар он ифода мегардад**, ки масъалаи мазкур бо таҳлилу баррасиҳои назарӣ ва амалӣ, таҳлил ва муқобалаи илмӣ таъмин гардида, дар асоси принсипу методҳои муайяну мушаххаси пажуҳишӣ маводи фаровони марбут ба мавзуъ, бо сохтори мураттабу пайдарпайю бонизоми ба ҳадафу вазифаҳои таҳқиқ фароҳам омадаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимодноки натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мувофиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, теъдоду ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмӣ манзур гардида, натиҷаҳои фаслу бобҳо ва таҳқиқи назарии мавзуъ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он зоҳир гаштааст, ки Озарахш ва поэтикаи ашъори ӯ нахустин бор ба таври муназзаму муратабу яклухту фарогиру ҳаматарафа таҳқиқ гардидааст. Мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф бо ҷамъи гузоришу ҷусторҳояш, инчунин таҳияи рисолаи ҷадиди илмӣ

дар бораи адиб шомили дастовардҳои вай мебошанд. Баррасӣ ва натиҷагириҳои илмии маводи таҳқиқӣ, масъалагузориҳои назарӣ ва хулосабарориҳои илмӣ натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ мебошад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-069-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 21-уми июни соли 2024 дар бораи сазовор донистани Ҷумъаев Ҷумъабой Ҷӯраевич ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои шуро 12 - нафар (фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2022, №308/шд), аз ҷумла 4 - нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ иштирок доштанд.

Аз 12 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 12 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

И.в., раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Худойдодов А.О.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Қурбонзода Р.Қ.

21.06.2024